# ТАҲҚИҚОТ ДАР БОРАИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТИИ БА ВАТАН БАРГАШТА ДАВРИ 2-ЮМ - ТОҶИКИСТОН

СОЗМОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУҲОҶИРАТ (СБМ)
МАТРИСАИ ПАЙГИРИИ ҲАРАКАТ (МПҲ))




Co-funded by
the European Union

IOM
UN MIGRATION

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

**Swiss Agency for Development and Cooperation SDC**

Созмони Байналмилалии Муҳоҷират
(СБМ) Институти Глобалии Додаҳо
(Global Data Institute (GDI)
Таубенштрасе 20-22
10117 ш. Берлин
Олмон

Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ)
кӯчаи Азизбеков 22А
Ш. Душанбе, 734013
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тарки масъулият**

Ҳисоботи мазкур қисме аз натиҷаҳои дастрасшудаоро дар доираи лоиҳаи «Далелҳои минтақавӣ барои таҳлил ва сиёсати муҳоҷират (REMAP)» бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо ва лоиҳаи «Барномаи муҳоҷирати меҳнатӣ - Осиёи Марказӣ», ки аз тарафи Агентии Швейтсария оид ба Рушд ва Ҳамкорӣ (SDC) муштарак маблағгузорӣ мешавад, дар бар мегирад.

Ин ҳуҷҷат тавассути кӯмаки молиявии Иттиҳодияи Аврупо ва Агентии Швейтсария оид ба Рушд ва Ҳамкорӣ (АШРҲ) таҳия шудааст. Андешаҳои дар ин ҳисобот баёншуда ба ҳеҷ ваҷҳ андешаи расмии маблагғузорони дар боло зикршударо инъикос намекунад. Нишондиҳандаҳои (аломатҳои шартӣ) истифодашуда ва пешниҳоди мавод дар тамоми ҳуҷҷат маънои изҳори ҳар гуна андешаи СБМ дар бораи вазъияти ҳуқуқии ин ё он кишвар, қаламрав, шаҳр ё ноҳия ё мақомоти он ё дар бораи сарҳади онро надоранд.

Барои маълумоти бештар дар бораи шарту шароитҳои маҳсулоти иттилоотии МПҲ, лутфан ба сомонаи зерин муроҷиат кунед: https://dtm.iom.int/terms-and-conditions

© 2024 Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ)

БО МО ТАМОС ГИРЕД
Барои маълумоти иловагӣ лутфан бо гурӯҳи МПҲ тамос бигиред:

mtmtajikistan@iom.int
Facebook.com/iomTajikistan
twitter.com/iom.Tajikistan
instagram.com/iomTajikistan/

# МАТРИСАИ ПАЙГИРИИ ҲАРАКАТ (МПҲ)

Матрисаи пайгирии ҳаракат (МПҲ) системаест, ки ҳаракати аҳолиро пайгирӣ ва назорат мекунад. МПҲ дар асоси методологияи Матрисаи Глобалии Пайгирии Ҷойивазкуни (МПҶ)-и СБМ ба шароити Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст[1]. МПҶ барои ба таври мунтазам ва мураттаб дастрас, коркард ва паҳн намудани иттилоот бо мақсади фароҳам овардани фаҳмиши беҳтари ҳаракатҳо ва эҳтиёҷоти гурӯҳҳои аҳолии сайёр, хоҳ дар маҳал ва хоҳ дар масир пешбинӣ шудааст. МПҶ даври аввали ҷамъоварии маълумоти таҳқиқотӣ дар бораи муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргаштаро моҳи феврали соли 2023 ва даври дуюми таҳқиқотро дар Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2023 анҷом дод. МПҶ ба СБМ ва шарикони он ҷиҳати афзоиши захираҳо, тартиб додани афзалиятҳо ва пешниҳоди барномаҳои беҳтари мақсаднок ва бо далелҳо асосёфта, ҳаракат ҳассос ва устувори башардӯстона ва рушд имконият фароҳам месозад.

## МЕТОДОЛОГИЯ

Пурсишҳо бо истифода аз системаи матрисаи пайгирии ҳаракати СБМ дар Тоҷикистон гузаронида шудаанд. Пурсишҳо бо муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта анҷом дода шудаанд. Маконҳои пурсиш дар асоси натиҷаҳои арзёбии ибтидоии СБМ оид ба муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта интихоб карда шудаанд. Саволномаи пурсиш дар асоси таҳқиқотҳои монанди СБМ дар Осиёи Марказӣ дар машварат бо коршиносони дохилӣ ва берунаи соҳавӣ таҳия шудаст. Саволномаи таҳқиқот саволҳои вобаста ба вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ, таҷрибаи муҳоҷират, шуғл ва интиқоли маблағҳо, ниёзҳо ва осебпазириро дар бар мегирад. Намунаи пурсиш дар асоси арзёбии ибтидоӣ оид ба мавҷудияти муҳоҷирони кории баргашта дар маконҳои интихобшуда ҳисоб карда шудааст. Мусоҳибаҳо бо истифода аз дастгоҳҳои мобилӣ ва нармафзори КоВо гузаронида шудаанд. Ҳамаи мусоҳибаҳо бидуни қайди ном (беном) анҷом дода шудаанд ва қоидаҳои СБМ[2] оид ба ҳифзи маълумот[2] дар тамоми давраи ҷамъоварии маълумот риоя карда шудаанд. Мутахассисон оид ба ҷамъоварии маълумотҳо бо мусоҳибони эҳтимолӣ бо истифода аз усули барфтӯда барои гирифтани розигии онҳо муроҷиат карданд. Ҷамъоварии маълумот дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаҳои минтақавии он гузаронида шуд.

## ХУЛОСАИ БОЗЁФТҲОИ КАЛИДӢ

**978** маълумот диҳанда (пурсида) шуданд

**96%** маълумот диҳандагон аз Федерат-сияи Русия баргаштаанд

**56%** маълумотдиҳандагон ният доранд, ки дубора ба Федератсияи Русия ва Қазоқистон муҳоҷират кунанд

**41%** маълумот диҳандагон ба муддати кӯтоҳ барои дидори оила омадаанд

**80%** хабар доданд, ки аз 7 моҳ то ба 3 сол дар сафар буданд

Таҳқиқоти муҳоҷирони ба ватан баргашта бо иштироки 978 муҳоҷири бозгашта дар тамоми 12 ноҳияҳо ва шаҳрҳои Тоҷикистон (аз ҷумла ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Сино, Фирдавсӣ, Шоҳмансури шаҳри Душанбе, шаҳри Ваҳдат, ноҳияи Рӯдакии ноҳияҳои тобеи марказ, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, шаҳрҳои Бохтар, Кулоб ва ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)) гузаронида шуд. Дар асоси натиҷаҳо, танҳо 96% маълумотдиҳандагон аз Федератсияи Русия баргаштанд. Аммо 56 дарсади пурсидашудагон дар посух ба пурсиш нияти дубораи муҳоҷират ба Федератсияи Русия ва Қазоқистон ёдовар шудаанд. 41 дарсади пурсидашудагон сафарҳои кӯтоҳмуддати вобаста ба масъалаҳои оилавӣ ва мушкилотҳои оилавиро сабабҳои аслии бозгашт ба Тоҷикистон унвон кардаанд. Шумораи аксарияти пурсидашудагон (80%) зикр кардаанд, ки қабл аз бозгашт ба Тоҷикистон ба муддати аз 7 моҳ то як сол ва ё аз як то се сол дар сафар буданд.

1. *Чаҳорчӯбаи методологии МПТМ. Гирифташуда аз:* https://dtm.iom.int/about/methodological-framework
2. *Принсипҳои ҳифзи маълумоти МПТМ* https://www.iom.int/data-protection

# ПРОФИЛҲОИ ДЕМОГРАФИИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТИИ БА ВАТАН БАРГАШТА

16 фоизи пурсидашудагон занон ва 84 фоиз мардон буданд. Синни миёнаи пурсидашудагон барои занон 41 ва мардон 37 солро ташкил медиҳад. Аксари маълумотдиҳандагон хабар доданд, ки оиладор ҳастанд (84%) ва инчунин онҳое, буданд, ки муҷаррад (6%) ва ҷудошуда (6%) ҳастанд. Сатҳи издивоҷ дар байни мардон (89%) нисбат ба занҳои пурсидашуда (57%) каме баландтар буд. Чӣ тавре, ки маълум гашт, занон (25%) назар ба мардон (2%) бештар дар ҳолати ҷудошуда қарор доранд.

## СИННУ СОЛ ВА ҶИНС




## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ САТҲИ ТАҲСИЛОТ

Барои ҳиссаи бештари пурсидашудагон (44%) таҳсилоти миёна аз ҳама дараҷаи баландтарини таҳсилот зикр мешуд, баъдан таҳсилоти миёнаи поёнӣ (13%), баъдан 11 фоиз онҳое, ки таҳсилоти баъди мактаби миёнаи ғайриолӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ (8%) доранд. Бо вуҷуди ин, 23% дар маҷмӯъ иттилоъ доданд, ки таҳсилоти олӣ ё кӯтоҳмуддатро хатм кардаанд (2%) ё дорои дараҷаи бакалавр/магистр (21%) ва камтар аз 1 фоиз гузориш доданд, ки таҳсилот надоранд ё таҳсилоти поёнтар аз ибтидоӣ доранд.

Соҳаҳои гузоришшудаи таҳсилот гуногун мебошанд, аз ҷумла илмҳои табиӣ, омори риёзӣ ва ҳисоббарорӣ (22%), муҳандисӣ, истеҳсолот, сохтмон ва меъморӣ (20%); таҳсилот (15%); илмҳои иҷтимоӣ, журналистика, маъмурият ва ҳуқуқ (12%); хидматрасониҳо (масалан, нақлиёти шахсӣ, ҳифзи муҳити зист, амният) (11%), тандурустӣ, некӯаҳволӣ ва иҷтимоӣ (8%), барномаҳо ва тахассусҳои умумӣ (6%); қисми ками соҳаҳои санъат ва гуманитарӣ (3%), баъдан кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳидорӣ ва байторӣ (3%) ва ғайра (2%).

## САТҲИ ТАҲСИЛОТИ ХАТМ КАРДАШУДА



# ТАҶРИБАИ МУҲОҶИРАТИИ МУҲОҶИРОНИ БА ВАТАН БАРГАШТА

Ба монанди даври қаблии ҷамъоварии маълумот 98 фоизи пурсидашудагон аз Федератсияи Русия ба Тоҷикистон баргаштанд ва инчунин нафароне, ки аз Қазоқистон баргаштанд (1%). Боқимондаҳо аз Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея ва Беларус баргаштанд.

5 КИШВАРИ АСОСИИ БОЗГАШТ




## ДАВОМНОКИИ (МУДДАТИ) БУДУБОШ ДАР ХОРИҶА

Ҳангоми пурсиш дар бораи давомнокии будубоши онҳо дар кишварҳое, ки аз онҳо баргаштаанд, 41 фоизи пурсидашудагон аз ҳафт моҳ то як сол, 39 фоиз аз як то се сол, 12 фоиз аз чор то шаш моҳ, 6 фоиз аз се то панҷ сол, 2 фоиз аз ду то се моҳ ва камтар аз 1 фоиз камтар аз як моҳро гузориш додаанд. Тақрибан нисфи пурсидашудагон (51%) изҳор доштанд, ки ба ҳамин муддат онҳо нияти истоданро доранд.

ДАВОМНОКИИ БУДУБОШ ДАР ХОРИҶА




МУДДАТИ БА НАША ГИРИФТАИ БУДУБОШ ДАР ХОРИҶА



# САБАБҲОИ БОЗГАШТ

Ҳамчун 10 сабабҳои асосии бозгашт ба ватан сабабҳои зерин зикр карда шудаанд: сафари кӯтоҳмуддат барои боздиди оила (37%), масъалаҳои оилавӣ (13%), сабабҳои вобаста ба тандурустӣ/саломатӣ (9%), аз даст додани ҷойи кор (6%), ихроҷшавӣ (депортатсия) (5%), таназзули иқтисодӣ дар кишвари мизбон (5%), бехатарӣ ва амният (4%), дубора муттаҳидшавии оила/оиладоршавӣ (4%), пайдо накардани кор/воситаи рӯзгузаронӣ (4%) ва кофӣ набудани даромад барои қонеъ кардани ниёзҳои фаврӣ (3%).

САБАБҲОИ АСОСИИ БОЗГАШТ (10 ҷавоби асосӣ)




## ШУҒЛ ( КИШВАРИ МИЗБОН)

Баръакси даври қаблии ҷамъоварии маълумот, ки дар он маоши ҳаррӯза дар ҷойи аввал қарор дошт (37%), дар ин давр бештари пурсидашудагон (47%) дар бахши хусусӣ кор мекарданд ва пас аз он нафароне, ки гузориш доданд, ки ба таври ҳаррӯза музди кор мегирифтанд (29%), худмашғул (8%), дар бахши давлатӣ (6%) ва ихтиёриён (6%).

Тибқи гузориш, соҳаҳои бо шуғли бештари корӣ соҳаҳои зерин буданд: сохтмон (43%), баъдан хидматрасонии ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, хусусӣ (18%), нақлиёт/анбордорӣ ва алоқа (11%), истеҳсолот (7%) ва савдои яклухт ва чакана (5%).

Ба монанди даври якум, занон бо шуғли бештари корӣ дар соҳаи ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва хусусӣ (55%), истеҳсолот (17%) ва савдои яклухт ва чакана (9%) ҳисобот доданд, дар ҳоле ки мардон асосан дар сохтмон (51%), нақлиёт/анбордорӣ ва алоқа (13%) ва хидматрасонии ҷамъиятӣ/иҷтимоӣ ва хусусӣ (11%) кор мекарданд.

ВАЗЪИ (МАҚОМИ) ШУҒЛ ДАР КИШВАРИ МИЗБОН



# ШУҒЛ ДАР ТОҶИКИСТОН

Ҳангоми пурсиш дар бораи вазъи кунунии шуғл, 42 дарсади пурсидашудагон гуфтаанд, ки онҳо бекоранд. Дар байни онҳо 33 фоиз фаъолона дар ҷустуҷӯи кор набуда, ҳафт дарсад дар дохили кишвар ва 2 фоиз берун аз кишвар дар ҷустуҷӯи кор буданд. Оид ба навъҳои шуғл, 23 дарсад кор бо маоши рӯзона, баъдан 12 фоиз дар бахши хусусӣ, 9 дарсад ба таври худмашғул, 4 фоиз дар бахши давлатӣ ва 4 дарсад ҳамчун коргари ихтиёрӣ зикр кардаанд.

Дар байни пурсидашудагони бекоре, ки фаъолона дар ҷустуҷӯи кор ҳастанд, 79 дарсад гуфтаанд, ки ҳама гуна корро бо маоши мувофиқ қабул мекунанд, 58 фоиз ба устувории кор афзалият медиҳанд ва 27 дарсад омодаанд, ки новобаста аз шароит, ҳаргуна корро қабул кунанд. Танҳо фоизи ками бекорон (15%) дар ҷустуҷӯи кор дар бахши шуғли қаблии худ буданд, дар ҳоле ки шумораи камтари бекорон (12%) дар ҷустуҷӯи вазифаҳое буданд, ки маҳорат ва тахассусҳои мувофиқро талаб мекунанд.

Оид ба бахши шуғли кунунӣ, аз ҳар панҷ ду нафар муҳоҷирони корӣ (44%) дар бораи сохтмон ва баъдан хидматрасониҳои ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, хусусӣ (15%) ва нақлиёт, нигоҳдорӣ ва алоқа (13%) ҳисобот доданд. Ба монанди даври якуми ҷамъоварии маълумот, занон эҳтимоли бештар дар соҳаи хидматрасонии ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва хусусӣ кор мекарданд (46%), дар ҳоле, ки бештари мардон ҳисобот доданд, ки дар соҳаи сохтмон кор мекунанд (50%).

ВАЗЪИ ШУҒЛ ДАР ТОҶИКИСТОН




90 фоизи пурсидашудагон, ки бекор ва дар ҷустуҷӯи кор буданд, изҳор доштаанд, ки аз хадамотҳои шуғли аҳолӣ дар Тоҷикистон ҳеҷ гуна маслиҳат ва ё кумаке дарёфт накардаанд. Вақте пурсида шуд, ки чаро онҳо фикр мекунанд, ки кор пайдо карда наметавонанд, аксарияти онҳо таҳсилотро номбар кардаанд (37%); ин ҷавоб барои занон (32%) ва мардон (38%) тақрибан яксон буд. Ба гурӯҳи боқимонда онҳое шомил буданд, ки набудани имкониятҳои шуғл (14%) ва надоштани таҷрибаи корӣ (11%) изҳор доштанд.

36 фоизи пурсидашудагон изҳор намуданд, ки онҳо мехоҳанд ҷойҳои кориашонро бо ҷойи кор ё шароити беҳтар иваз кунанд. Аксарияти маълумотдиҳандагон (58%) гуфтаанд, ки онҳо кори худро тавассути робитаҳои шахсӣ, аз ҷумла оила ва дӯстон пас аз расидан ба кишвар пайдо кардаанд.

Танҳо як дарсади пурсидашудагон гуфтаанд, ки пас аз бозгашт ба Тоҷикистон даромади шахсӣ надоранд. 48 фоизи маълумотдиҳандагон даромади моҳонаи худро кофӣ меҳисобанд, аммо дар дохили ин гурӯҳ 34 дарсад гуфтаанд, ки барои пасандоз пули кофӣ ба даст наовардаанд. Даромади ҳисобот додашуда маблағҳои интиқолӣ аз кишварҳои дигар, подош аз кор дар Тоҷикистон, кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва дигар кумакҳои молиявиро дар бар мегирад. Аз се як нафар пурсидашудагон (37%) иттилоъ доданд, ки бе шартномаи хаттӣ кор мекунанд. Аксарияти маълумотдиҳандагон нафақа намегиранд (79%), аз рухсатии меҳнатии ҳарсола ё ҷубронпулӣ ба ҷойи он (60%) бархурдор нестанд.

# НИЯТҲО (НАҚШАҲО) БАРОИ ОЯНДА

46 дарсади пурсидашудагон нияти идомаи муҳоҷирати даврӣ байни Тоҷикистон ва кишварҳоеро, ки аз онҳо баргаштаанд, иброз доштанд, дар он ҳоле, ки қисми дигари пурсидашудагон (19%) ният доранд, ки дар кишвари баргаштаашон маскун шаванд ва 24 фоизи муҳоҷирон мақсади ба таври доимӣ дар Тоҷикистон истоданро доранд. Фоизи камтари муҳоҷирон (10%) мехоҳанд ба кишварҳои дигар муҳоҷират кунанд.

Дар байни муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта, ки нияти муҳоҷирати худро баён кардаанд, Федератсияи Русия дар ҷойи аввал (33%), Қазоқистон дар ҷойи дуюм (32%) меистад ва онҳое, ки ҳанӯз дар бораи кишвари ояндаи мақсаднок тасмим нагирифтаанд (17%), Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ (10%), Олмон (8%) ташкил медиҳад.

5 КИШВАРИ АСОСИИ МУҲОҶИРАТИ ДУБОРА (ТАКРОРӢ)




### Интиқоли пул

Аксарияти пурсидашудагон (91%) иброз намуданд, ки дар давраи будубош дар кишварҳое, ки аз онҳо баргаштаанд, ба Тоҷикистон пул интиқол додаанд. Мардон (93%) дар муқоиса бо занон (81%) гуфтаанд, ки онҳо бештар пул фиристодаанд. Гурӯҳи калонтарини пурсидашудагон (53%) ҳисобот доданд, ки онҳо 25-50% даромади моҳонаи худро интиқол додаанд, баъдан зиёда аз нисфи (27%) мухочирон иброз намуданд, ки то 10-25% (17%) маблағро фиристодаанд. Бузургтарин гурӯҳи мардон аз 25 то 50 фоизи даромади худро ба Тоҷикистон фиристодаанд ва таносуб дар байни занон низ ҳамин гуна аст. Умуман мусоҳибон гуфтаанд, ки онҳо дар як моҳ як маротиба (61%) тавассути муассисаҳои бонкии воқеӣ дар кишвари мизбон бо дастгирии дӯстон ва хешовандон тавассути суратҳисоби бонкӣ, интиқоли маблағ, вебсайти бонкҳо ё дархостҳо (бонкҳои Тоҷикистон); вебсайти оператори интиқоли маблағ ё замима ба монанди Вестерн Юнион (Western Union) ва идораи (физикӣ) воқеии оператори интиқоли маблағ ба монанди идораи воқеии Вестерн Юнион (Western Union) пул мефиристоданд. Аксарияти мардхо (65%) хисобот додаанд, ки маблағҳои интиколшуда манбаи асосии даромади хонаводаҳои онҳо дар Тоҷикистон будааст. Назар ба занон (48%), мардон (68%) бештар изҳор карданд, ки интиқоли маблағ даромади асосии хонаводаи онҳост. Ин ба он вобаста аст, ки одатан занон дар муқоиса бо мардон камтар пул кор мекунанд.

ФОИЗИ (%) ДАРОМАДИ ИНТИҚОЛШУДА



# НЕКӮАҲВОЛИИ УМУМӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Бештар аз нисфи мусоҳибон (62%) иброз намуданд, ки вазъи кунунии иқтисодӣ дар Тоҷикистон ба кору зиндагии онҳо дар ин кишвар таъсир гузоштааст. Нисфи пурсидашудагон (50%) гуфтаанд, ки дар шаш моҳи охир бо мушкилот рӯ ба рӯ шудаанд. 62 дарсади онҳое, ки ба саволи қаблӣ ҷавоби мусбат додаанд, гуфтаанд, ки мушкилоти мавҷудбуда вобаста ба иқтисодиёт мебошанд. Афзоиши нархҳо (28%), набудани ҷойи кор (23%), қарз (17%) ва музди пасти корӣ (13%) ҳамчун мушкилоти умумӣ номбар карда шудаанд. Илова бар ин, тақрибан се аз панҷ нафар мусоҳибон (58%) гузориш доданд, ки таъминкунандагони ягона ва ё асосии хонаводаҳои худ мебошанд. Мардон (65%) назар ба занон (27%) бештар изҳор кардаанд, ки таъминкунандагони асосии хонаводаҳои худ мебошанд.

Дар ҳоле, ки аксарияти зиёди маълумотдиҳандагон (93%) изҳор доштанд, ки онҳо дар манзили доимӣ зиндагӣ мекунанд, 4 фоиз иброз доштанд, ки бехона мебошанд ва 2 дарсад дар манзилҳои муваққатӣ зиндагӣ мекунанд. Аксарияти пурсидашудагон (97%) даромади паст ё ноустуворро монеаҳои асосии манзили доимӣ номидаанд.

Танҳо 40 фоизи мусоҳибон изҳор карданд, ки дар бораи ҳуқуқҳои худ дар робита ба кор, манзил, таҳсил, амнияти шахсӣ, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият ва вазъи ҳуқуқӣ бохабар мебошанд. Наваду чор дарсади пурсидашудагон тасдиқ кардаанд, ки бо ҷомеаҳои маҳаллӣ дар минтақаи иқоматашон робитаи хуб доранд.

ВАЗЪИ КУНУНИИ МАНЗИЛ




ВАЗЪИ ШУҒЛ ДАР ТОҶИКИСТОН




22 дарсади мусоҳибон дастрасӣ ба хидматрасонии тиббӣ надоранд. Монеаҳои асосӣ барои дастрасӣ ба хидматрасониҳои тиббӣ набудани маблағ барои пардохти хидматрасониҳои тиббӣ (82%) ва набудани иттилоот оиди ҷойгиршавии хадамоти тандурустӣ (62%) буданд.

ДАСТРАСӢ БА ХИДМАТРАСОНИИ ТИББӢ




МОНЕАҲО ҶИҲАТИ ДАСТРАСӢ БА ХИДМАТРАСОНИҲОИ ТИББӢ





Co-funded by
the European Union

IOM
UN MIGRATION

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

**Swiss Agency for Development
and Cooperation SDC**